**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи илмии Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзӯи: «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum L.)* аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

Истеҳсоли гандум, дар Тоҷикистон дар оянда ба тақвият бахшидани корҳои генетикӣ, селексионӣ ва тухмипарварии ғалладонагиҳо вобастагии калон дорад.

Бинобар ин натиҷаи ба даст овардаи унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. ба ин масъалаҳои муҳим вобастагии бевосита доранд.

Чи тавре, ки аз автореферати рисолаи илмӣ бар меояд, ҳадафи таҳқиқот- омӯзиши аломатҳои морфологӣ ва аз ҷиҳати хоҷагидорӣ арзишманди намунаҳои нави гандуми мулоими коллексияи ҷаҳонӣ- Институти умумироссиягии растанипарварии Федератсияи Россия (ИУР-и Федератсияи Россия) гирифташуда, дар шароити ҷануби Тоҷикистон парваришгашта, ба шумор меравад.

Дар ин ҳадаф расидан унвонҷӯ чунин вазифаҳои илмиро ҳал намудааст:

Омӯзиши хусусиятҳои сабзиш, рушд, аломатҳои морфологӣ ва давраи нашъунамо дар намунаҳои гандуми мулоим;

Хусусиятҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ муфиди намунаҳои ояндадори гандуми мулоими аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия гирифташуда дар шароити ҷануби Тоҷикистон;

Муайян кардани нишондиҳандаҳои биокимиёвии тухмӣ дар намунаҳои гандуми аз коллексияи ҷаҳонии ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон;

Таъсири нурии маъданӣ (нитроаммофоска) ба ҳосилнокии намунаҳои гандум дар шароити ҷануби Тоҷикистон;

Омӯзиши алоқамандии аломатҳо дар намунаҳои гандуми таҳқиқшуда;

Муайян намудани самараи иқтисодии парвариши намунаҳои нави гандуми овардашуда дар шароити ҷануби Тоҷикистон.

Аз натиҷаи кори илмӣ бармеояд, ки унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. 15 намунаи нави гандуми коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити иқлими ҷануби Тоҷикистон омӯхта, инчунин, тавассути ворид намудани нурии маъдании нитроаммофоска дар вақти кишти намунаҳои нави коллексияи ИУР -и Федератсияи Россия дар шароити гарми вилояти Хатлон ба натиҷаи зарурии илмӣ ноил шудааст ва унвонҷӯ бори аввал ҳосилнокии баланди намунаҳои нави гандуми муллоимро дар шароити дар иқлими гарми ҷануби Тоҷикистон муайян намудааст.

Аз автореферати кори илмӣ дида мешавад, ки унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. натиҷаҳои асосии кори илмиашро дар 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшудаанд, чоп намудааст.

Дар асоси натиҷаҳои имлии рисола дар мавзӯи **“Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Triticum aestivum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, метавон зикр намуд, ки кори илмии иҷрогашта арзишманд ба шумор рафта, бо аҳамияти назариву амалиаш, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад ва муаллифи он Резмонова Қурбоной Шариповна барои ба даст овардани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз руи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи биохимия ва генетикаи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои
биологӣ (ихтисоси 03.02.01-Ботаника) Сафармади Мирзоалӣ

Имзои Сафармади М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

*Суроғаи хизматӣ:* 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 121
Тел. (+992) 933600064 E.mail: safarmadi.mirzoali.1991@mail.ru

9.07.2025